Хамасола рӯзи якуми соли нави хониш дар кишвар хамчун рӯзи дониш бо шукху шахомати хоса тачлил карда мешавад. Бахшида ба ин сана ва кабули донишчӯёни соли аввал дар Донишкадаи харрбии Вазорати мудофиа низ бо омодагии хосаи хайати устодону донишчуён чорабинии идона доир гардид, ки дар он вазири мудофиаи мамлакат Шерали Мирзо иштирок намуда, донишчуёни ин муассисаи таълимиро бо огози соли нави хониш табрику мубоpакбод намуд.




Хамчунин онхоро ба донишомӯзиву аз худ намудани илмхои замонавӣ даъват намуда, омодагии тактикию омӯзиши  фанхои умумихарбиро зарур шуморид. Пас аз бо тантана чамбаст намудани чамъомад устодону донишчӯёни ин боргохи илм ахлона чамъ омада, дарси сулх, ки аз чониби Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон тарики шабакахои телевизионӣ мустакиман пахш карда шуд, тамошо намуданд.





Бояд гуфт, ки дар даврони сохибистиклолӣ аз чониби хукумати мамлакат ба сохаи илму маориф ва таълиму тарбияи чавонон таваччӯхи хосса зохир шуда, маърифатнок намудан ва баланд бардоштани сатху сифати дониш дар чомеа яке аз хадафхои мухими сиёсати маъорифпаваронаи хукумати мамлакат   мебошад.



